**« Тасдиқ менамоям»**
Директори Донишкадаи технология
ва менеҷменти инноватсионӣ дар
шаҳри Кӯлоб
номзади илмҳои техникӣ, дотсент,
_____________Шоҳиён А.Н.
«29» декабри соли 2022

ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ба диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ»,ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Маҷидова Бибиҳафиза.

Мавзуи диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон аз он ҷиҳат мубрам аст, ки таҳаввулоте, ки дар даҳсолаҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадааст, талаботҳои комилан нав барои тарбияи фарзандро фароҳам меорад. Вазифаи таъхирнопазир дар марҳилаи кунунӣ ин нигоҳубини тандурустии насли наврас аст. Яке аз ҳадафҳои асосии таълим ва тарбия пас аз ислоҳоти он фароҳам овардани муҳити таълимию тарбиявӣ мебошад, ки ба эҳёи ҷисмонӣ ва маънавии кӯдакони синну соли ибтидоӣ мусоидат менамояд, ташаккули тарзи ҳаёти солим, ташаккули фарҳанги солим, таъсири мусбии омилҳои берунӣ ва дохилии муҳити зист ва ҳавасмандгардонии тарзи ҳаёти солимро ташкил медиҳад. Натиҷаҳои тадқиқоти сершумори тандурустии насли ҷавон боиси нигаронии ҷиддӣ мебошанд.

Дар диссертатсия ба маврид қайд карда шудааст, ки мақсади таҳқиқот баланд бардоштани сифати тандурустии хонандагони хурдсол

тавассути тарҳрезӣ ва татбиқи технологияҳои сарфакунандаи тандурустӣ дар раванди таълимии Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ба назар гирифта шудааст.

Вобаста ба ин дар диссертатсия вазифаҳои таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ дуруст муайян карда шудааст:

-омӯзиши вазъу ҳолати проблемаи дастгирии муҳити солими атроф ваташаккули ТҲС дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар назария ва амалияи МТМУ;

-омӯзиши таҳқиқҳои педагогӣ оидба проблемаҳои тандурустӣ ва ТҲС дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

-Коркарди амсила барои таъмини муҳити солим ва ташаккули ТҲС-и хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи мустақилонаи донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳо барои тарғиби ТҲС;

-Муайян карлани мундариҷа, хусусият ва технологияи ҳифзи тандурустӣ ва ТҲС дар низоми МТМУ;

- муқаррар кардани самтҳои асосии кори кормандон дар муассисаҳои таълимӣ дар мусоидат барои таъмини шароитҳои ҷанбаи педагогӣ дошта дар ташаккули фарҳанги солимӣ дар кӯдакии барвақт;

-асоснок намудани сохтор ва муайян кардани мундариҷа, контенти таълимӣ барои ташаккули ТҲС дар хонандагони синфҳои ибтидоии МТМУ.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ба дастомада ва хулосаҳои дар асосҳои он баровардашуда аз он иборат аст, ки натиҷаҳои тадқиқот ба муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳанд, ки раванди тандурустиро аз нав идора кунанд ва тарзи ҳаёти солимро барои хонандагони хурдсол ташаккул диҳанд. Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро ифода карда, натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва озмоишӣ эътимоднок буда, мақолаҳои дар нашрияҳо илмии тақризшаванда чоп намудаи унвонҷӯй муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Довталаб дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳаллу фасли мақсади таҳқиқот ноилшуда, дуруст будани фарзияи пешниҳодкардаи муҳаққиқ тасдиқи худро ёфтааст.

Бо дарназардошти натиҷаҳои баррасӣ ва пешниҳоду тавсияҳои иштирокчиён ҷаласаи васеи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб.

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” кори илмии мустақилона ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

2. Диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ», баъд аз ислоҳи камбудиву эродҳои баёншуда ба ташхиси давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб аз 29.012.2022, протоколи №5 баррасӣ ва қабул кардашудааст.

Дар ҷаласа 35 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «Тарафдор» 35- нафар, «Зид» - нест, «Бетараф» - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои
Донишкадаи технология ва
менеҷменти инноватсионӣ
дар шаҳри Кӯлоб н.и.ф.Чоршанбиева З.А.

Котиби ҷаласа. Ғиёсов Б.Р.

Имзои Чоршанбиева З.А. ва Ғиёсов Б.Р.- ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва коргузории ДТМИК Шокиров Қ.Б